***ТДУ 002***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-114-119***

***ТАҶАССУМИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ ШУАРО ДАР «МУНТАХАБ -УТ-ТАВОРИХ»-И МУҲАММАД ҲАКИМХОН***

***Султонова Адиба Ҷалиловна,*** *унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОСВЕЩЕНИЕ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА ПОЭТОВ В «МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»***

***Султонова Адиба Джалиловна****, соискатель кафедры современной таджикской литературы ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***LIGHTING THE LIFE AND CREATIVITY OF POETS IN "MUNTAHAB-UT-TAVORIH"***

***Sultonova Adiba Jalilovna,*** *claimant for candidate degree of the department of modern Tajik literature under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov"(Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *sultonova.adiba1510@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *адабиёти тоҷик дар асри XIX, "Мунтахаб-ут-таворих", Муҳаммад Ҳакимхон, муҳити адабии Хӯқанд, рӯзгор ва осори шуаро, арзишҳои адабӣ, нақлу ривоёт, таърихнависӣ*

*Дар мақола ҷанбаҳои мухталифи рӯзгор, аҳвол ва мақому эътибори шуаро дар қаламрави забон ва адабиёти форсии ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр аз нигоҳи Муҳаммад Хакимхон бар асоси маводи "Мунтахаб-ут-таворих" мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ин ваҷҳ, дар радифи матолиби дигар хусусиятҳои ҳунарӣ, сабку салиқаи нигориши суханварон ва масоили марбут ба нақду сухансанҷӣ низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст, ки ин василаи хубе барои таъйини аҳамият ва арзиши асар дар омӯзиш ва шинохти таърихи нақди адабии тоҷик ба шумор меравад.*

*Аз ин рӯ, соҳиби мақола кӯшидааст, ки ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои адабии "Мунтахаб-ут-таворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон аз чашмандози фарох назар карда, мақом ва эътибори онро дар таърихнигории форсии тоҷикии ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр муайян созад. Ба ин ваҷҳ, дар радифи матолиби аслии мақола ҷанбаҳои адабӣ, нақлу ривоёт перомуни зиндагиномаи шоирон, таърихи валодат ва фавт ,хусусан ҷузъиёти муҳими зиндагиномаи суханварон ва масъалаҳои дигари марбут ба таърих ва адабиётшиносӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст.*

***Ключевые слова:*** *таджикская литература XIX века, «Мунтахаб-ут-таворих», Мухаммад Хакимхан, литературная среда Коканда, жизнь и поэтическое творчество, литературные ценности, предания, историография*

*В статье анализируются различные стороны жизни, положение и статус персидско-таджикских поэтов Мавераннахрского литературного круга с точки зрения Мухаммада Хакимхана на основе материала «Мунтахаб-ут-таворих». Наряду с другими литературоведческими особенностями «Мунтахаб-ут-таворих» рассматривается также стиль изложения поэтов и вопросы, связанные с литературной критикой и риторикой, что является хорошим подспорьем для определения важности и ценности произведения в изучении истории таджикского литературоведения. Поэтому автор статьи попытался взглянуть на различные аспекты литературоведческой проблематики «Мунтахаб-ут-тавроих» Мухаммад-Хаким-хана в широком ракурсе и определить его статус в таджикско-персидской историографии литературного круга Трансоксиа́на. Наряду с основной темой статьи рассматриваются литературоведческие аспекты, рассказы и предания о жизни поэтов, истории рождения и смерти, в частности, важные детали биографий поэтов и другие вопросы, связанные с историей и литературоведением.*

***Key words:*** *Tajik literature referring to the XIX-th century, Muntakhab-ut-tavorikh, Muhammad Hakimkhon, Kokand literary circle, life and poetry, literary values, legends, historiography*

*The article dwells on various aspects of life, position and status of the Persian-Tajik poets of tMaverannakhr literary circle under the angle of Muhammad Hakimkhon based on the material "Muntakhab-ut-tavorikh". Alongside with other literary peculiarities of "Muntakhab-ut-tavorikh" the style of presentation of poets and issues related to literary criticism and rhetoric, which is a good help for determining the importance and value of the work in the study of the history of Tajik literary criticism being taken into consideration as well. Therefore, the author of the article makes an endeavor to look at various aspects of the literary problems beset with "Muntahab-ut-tavroih" by Muhammad Hakimkhon*

*from a broad perspective and determine his status in Tajik-Persian historiography of Transoxiana literary circle of. Along with the main topic of the article, literary aspects, stories and legends about the life of poets, the history of birth and death, in particular, important details of the biographies of poets and other issues related to history and literary criticism are considered.*

“Мунтахаб-ут-таворих”- и Муҳаммад Ҳакимхон осори таърихӣ буда, яке аз манбаъҳои асосии омӯзиши ҳаёти сиёсии нимаи аввали асри XIX-и хонҳои Бухоро ва Хӯқанд мебошад. Дар баробари ин асари мазкур барои омӯхтани ҳаёти адабии он давра ҳамчун сарчашмаи адабӣ хидмат менамояд. Муҳаммад Ҳакимхон дар асари худ оид ба даҳ нафар шоири ҳамзамони хеш ва ёздаҳ нафар шоири давраҳои пешин маълумоти тарҷимаиҳолӣ пешниҳод менамояд, ки аксари он аснод дар сарчашмаҳои дигари таърихию адабӣ қайд нагардидаанд.

Арзишу аҳамияти асари «Мунтахаб-ут-таворих» дар таъйини зодгоҳ, синну сол, ҷойи зист, касбу кор, вазъи иҷтимоӣ, пайванди хешигарӣ, алоқаи адабӣ, ному насаб, тахаллуси шоирӣ ва фазилатҳои шахсии шоирон низ зоҳир мегардад. Исботи ин гуна арзиши таърихнома дар шинохти комили шахсият ва ҳолу нуфузи адабии суханварон судманд хоҳад буд.

Дар асари мазкур қайди зодгоҳи аксари шоирон аз ҷиҳати эътимод ба дигар иттилооти маъхазҳои адабӣ имтиёз доранд. Зеро соҳиби китоб шуарои мавриди зикрашро аз наздик мешинохт ва зодгоҳи аслии онҳоро ба тариқи саҳеҳ медонист. Аз ин лиҳоз, дар муайян намудани макони аслии зодгоҳи шуаро «Мунтахаб-ут-таворих» аҳамияти фавқулода дорад.

Муаллиф дар бораи шоирон хеле мухтасар сухан ронда, дар хусуси таърихи валодат ва фавти онҳо мушаххас иттилоъ намедиҳад. Маълумоти дар бораи шоирон овардаи Муҳаммад Ҳакимхон хусусияти тазкиравӣ дошта, онҳо якҷоя ва алоқамандона ба ҳаёти сиёсии замони ин ё он шоир оварда шудаанд, ки мо чанде аз онҳоро дар поён баррасӣ хоҳем намуд.

Муҳаммад Ҳакимхон дар боби тасвири ҳаёти сиёсии асри XV дар бораи мунаҷҷими бузург Мирзо Улуғбек маълумот додааст, ки бо сабаби дар осори олимон тасдиқ ва тадқиқ гардидани он аснод, мо овардани онҳоро зарур надонистем.

Муаллиф барқарор гардидани ҳукмронии Бобурро дар кишвари Ҳинд тасвир намуда, дар бораи намояндаи бузурги ин хонадон –Аврангзебшоҳ ва ду духтари ӯ Фахринисо ва Зебуннисо маълумоти зиёди тарҷумаиҳолӣ медиҳад. Мувофиқи маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон Фахринисо хоҳари калонии Зебуннисо буда, ӯ низ табъи хуби шоирӣ доштааст. Ин рубоиро маҳсули тахайюли ӯ медонад.

***Рубоӣ:***

***Имшаб ту ба нозу ишва, эй лӯъбати Чин,***
***Чун моҳи ҷаҳонтоб шудӣ парданишин.***
***Шаб то ба саҳар баҳри сурогат чун шамъ,***
***Оҳам ба фалак расиду ашкам ба замин.***

Аз маълумоти дар бораи Зебуннисо додаи Муҳаммад Ҳакимхон чунин бармеояд, ки ӯ духтари аз ҳама хурдии Аврангзеб буда, ашъори зиёде аз худ боқӣ гузоштааст. Ӯ мегӯяд:

«Зебунисо кӯчактарин духтари Аврангзебшоҳ буд. Дар миёни нисо ва хусусан дар миёни духтарони подшоҳон аз бинои олам билвақт дар боби табъ мисли ӯ нагузаштааст… ва шеъри Зебунисо бисёр аст. Мо аз ҷумла чандеро хуллас карда дар қалам овардем» [8,с.80] .

Муҳаммад Ҳакимхон баъд аз ин ду ривоятро дар бораи сабаби шеър гуфтани Зебунисо ва аз тарафи падараш Аврангзеб санҷидани табъи шоирии ӯ меорад. Ӯ дар ин бора чунин менависад:

«Гӯянд, сабаби машқи ӯ аввал ин буд, ки Хайринисо, яке аз шоҳзодаҳои ҳамон аср, зифоф воқеъ шуда буд. Баъд аз инқизои муддати ҳамл ӯро вазъи ҳамл шуд ва ин хабарро Зебунисо шунида, ба сари Хайринисо омада дид, ки гоҳо худро медонад, гоҳо намедонад. Ва ба чандин машаққат ва заҳмат баъд аз соате фарзанде дар вуҷуд омад. Ва Зебунисо ин ҳолро мушоҳида намуда, дар ҳамон аҳд намуд, ки аз дунё бе ҷуфт гузарад. Алҳақ ба ваъдаи худ вафо намуд. Инро дар силки назм кашид, чунончи гуфта:

***Байт:***

***Баҳри ҳар қатраи обе ҷигарат бишкофанд,***
***Эй садаф, ташна бимир, сӯи инсон манигар»*** *[8,с. 81 ].*

Ривояти дигар ин аст:

«Гӯянд, рӯзе Аврангзеб подшоҳ ба сайри гули наргис баромад. Вақти бозгашт иттифоқан як даста наргис дар бари худ халонида буд. Ба ҳарам дохил шуд, тамоми мастураҳои ҳарам дар пеши ӯ ҳозир омаданд. Чун чашми ӯ ба Зебунисо афтод, гуфт:

-Эй нури чашмам, ҳоло ба хотири мо як мисраъ расидааст, дигареро шумо тазмин кунед. Ва ин мисроъро хонд, ки ин аст:

***Мисраъ:***

***Ин наргис, ки ту дидаӣ, бари афсари мо,***
***Ба тамошои ту берун шуда чашм аз сари мо.***

Зебунисо ба муҷарради шунидани ин мисраъ аз падари бузургвор замини хидмат бӯса дод, аз ҷои худ бархост ва ба латофат ин мисраро бархонд.

Мисраъ:

***Рубоӣ:***

***Эй обшори Нӯҳ гузар ба ҳар чистӣ,***
***Чаман дар чаман фиканда, зодаи кистӣ?***
***Дардат чӣ дард буд, ки ҳар шаб тамоми рӯз,***
***Сарро ба санг мезадиву мегиристӣ?***

***Рубоӣ :***

***Булбул аз гул бигзарад, гар дар чаман бинад маро,***
***Бутпарастӣ кай кунад, гар барҳаман бинад маро.***
***Дар сухан пинҳон шудам монанди гул дар барги гул,***
***Ҳарки дорад майли дидан, дар сухан бинад маро [****8, 80 б-81 б].*

Ғайр аз ин, ду ғазали Зебунисоро бо мухаммасоти ба онҳо сурудаи Ҳозиқ пурра меорад.

Мирзо Абдулқодири Бедил аз қабили он шоиронест, ки тарҷумаи ҳоли онҳо аз тарафи худ ба шогирдонашон дар асарҳои алоҳида пурра баён карда шудаанд. Аммо дар баробари ин, илова ва ёддоштҳои ҳамзамонон, муаррихон ва тазкиранависон дар муайян намудани баъзе ҷиҳатҳои норавшани ҳаёти шоир нақши муассир дорад. Муҳаммад Ҳакимхон Бедилро маликушшуарои охирзамон шуморида, қайд мекунад, ки ӯ дар айёми ҷавонии Мирзои Аврангзеб хизмат кардааст. Аммо баъдан ба сабаби дар сараш пайдо шудани ҳавои қаландарӣ хизмати шоҳро тарк карда, дигар ба дарбор барнагаштааст. Ӯ дар ин бора чунин менависад:

«Чун дар вақти Аврангзеб маликушшуарои охирзамон Мирзо Абдулқодири Бедил дар қасри ӯ буд, дар овони ҷавонии Мирзо Аврангзеб буд, баъд аз он ба сараш ҳавои қаландарӣ афтода, кунҷи узлат ихтиёр намуд. Охируламр ин рубоиро навишта, ба хизмати Аврангзеб фиристод ва халос ёфт.

***Рубоӣ:***

***Якчанд бар миннати зевар гаштем, дар аҳди шубоб,***
***Якчанд бедониш гаштем, кардем ҳисоб.***
***Воқиф чу аз ин ҷаҳони абтар гаштем, нақси пуроб,***
***Тарки ҳама кардем, қаландар гаштем, дарёб.***

Пас, боқии умри худро сарфи шеър намуда, ихтиёри ворастагӣ намуд. Муддати ҳаштод сол умр дид ва даргузашт» [8,с.82].

Яке аз масъалаҳои пурихтилофи ҳаёти Бедил масъалаи фарзанд доштан ё надоштани шоир аст. Устод Садриддин Айнӣ дар асари худ «Мирзо Абдулқодир Бедил» (1954) ин ҷиҳати ҳаёти шоирро равшан намуда, навиштааст:

«Бедил дар тамоми зиндагии худ, он ҳам дар айёми пирӣ дар 64-солагиаш як писар ёфт, ки ӯ Абухолиқ ном дошт. Аммо ин писар ҳам дар вақте ки нав роҳравон шуда буд, мурд» [1,с.46].

Муҳаммад Ҳакимхон ба ин ҷиҳати ҳаёти Бедил таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки Бедил духтаре низ доштааст, ки ӯ доим дар сӯҳбати шоира Зебуннисо будааст. Ӯ дар ин бора чунин мегӯяд:

«Мирзо (Мирзо Абдулқодири Бедил-А.С.) духтаре дошт, ки шабу рӯз ба мусоҳибаи Зебунисо буд. Ин як байт аз зодаи табъи он гуландом аст. Чунончи:

Байт:

***Ёрам маро ба хонаи шумо нишонду рафт,***
***Гуфтам, ки ғубори доман, фишонду рафт»*** *[8,с.82 б ].*

Ақидаи он, ки Бедил 80 сол умр дидааст, нодуруст аст. Зеро соли таваллуду вафоти Бедил дар ҳама сарчашмаҳо аниқ баён ёфтааст.

Ин санади овардаи Муҳаммад Ҳакимхонро як мактуби худи шоир ба субут мерасонад. Бедил дар мактубаш мегӯяд:

«Фарёдрасо! Ба ҳасби инқилоби аҳволи олам, хоса таҳлукаи навоҳии Исломобод, ки дар ин айём поси номуси соҳибқудратон ҳам дар он сарзамин бе тааззуре нест, то ба ғурабои бе дасту по чи расад-муованати фазли эзидиро шомили ҳоли ҳайратмаол андешида бо пошикастае чанд,

ки бори гарони зиндагианд, рахти саломатӣ берун кашид ва бисту ҳафтуми ҷумодиюлохир дохили дорулхалифа гардид…» [1,с.29].

Азбаски ин масъала ниҳоят баҳсангез буда, тадқиқ ва таҳлили ҳаматарафаро талаб мекунад, аз баррасии матолиби навиштаи мо берун аст.

Аз масоили муҳиме ки дар ««Мунтахаб-ут-таворих» ба шерозаи таҳқиқ кашида шудааст, ин воқеанигорӣ ва нақлу ривояти муаллиф аз ҳаёти иҷтимоии шоирони ҳамаср мебошад. Барои ҳар як адиб, хоса таърихнигор тасвири ҳаёти иҷтимоии ашхоси фарҳангӣ рисолати таърихӣ ва тақозои замон буд. Муҳаммад Ҳакимхон низ бо вуҷуди инъикоси ҳаёти маънавию фарҳангии шоирон таваҷҷӯҳи махсус ба ҳаёти воқеии онҳо зоҳир намудааст, ки ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи асари ӯ ба мушоҳида мерасад.

Муҳаммад Ҳакимхон дар «Мунтахаб-ут-таворих» дар бораи шаш шоира маълумот медиҳад. Яке аз онҳо Подшоҳхотун аст, ки дар асри XIII умр ба сар бурдааст. Падари ӯ Қутбиддин Султон ҳукмрони Хоразм буд. Баъд аз вафоти вай духтараш Подшоҳ Хотун ба тахт мешинад. Дар давраи ҳукмронии ӯ олимону шоирон ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, илму фан хеле рушд мекунад.

Муҳаммад Ҳакимхон дар ин бора чунин мегӯяд:

«…ва дар миёни эшон (занон-С.А.) мисли ӯ аз замони Одам то инҷо ҳам
дар ҳусни сурат ва сират ва дар ҳар илм моҳир зане нагузаштааст. Ба ҳафт қалам хат навишта, табъи хуби назм дошт. Ин чанд рубоӣ, ки аз он даст навишта шудааст:

***Рубоӣ:***

***Он рӯз, ки дар азал нишонаш карданд,***  
***Осоиши ҷони бедилонаш карданд.***  
***Даъвӣ ба лаби нигор мекард набот,***  
***З-он рӯ, ки субҳ дар даҳонаш карданд.***

***Қитъа:***

***Даруни пардаи исмат, ки такягоҳи ман аст,***  
***Мусофирони ҳаворо гузар ба душвор аст.***

***Рубоӣ:***

***Бар лаъл ки дид баргузор мушку рақам,***  
***Бо голияпӯш кас куҷо кард ситам?***  
***Ҷоно, асари холи сияҳ бар лаби ту,***  
***Торикию оби зиндагонист ба ҳам» [****8, 43 б].*

Муҳаммад Ҳакимхон дар баробари зикри ҷузъиёти рӯзгори шоирони пешин, инчунин дар бораи як қатор шоирони ҳамзамони худ, аз қабили Ҳозиқ, Нодира, Адо, Акмал, Кошӣ, Фазлии Намангонӣ ва ғайраҳо маълумот додааст, ки ҳоизи аҳамият мебошад. Ин иттилоот ба тарзи пароканда, вобаста ба тасвири воқеаҳо баён карда шудаанд. Масалан, ӯ вобаста ба тасвири воқеаҳои замони худ дар бораи шоири машҳури нимаи якуми асри XIX Ҳозиқ чунин маълумот медиҳад:

«Ҳозиқ ба ду ғазали Зебунисо мухаммас бастааст. Аммо кай ва дар куҷо мухаммас бастани Ҳозиқ то ҳол маълум набуд. Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи Зебунисо сухан ронда, дар ин бора чунин навиштааст:

«Ва ин ғазал низ аз они ӯ (Зебунисо) бувад, ки供 бародари қиёматӣ Мавлоно Ҳозиқ бигуфта…Дар ин базм санаи 1255 буд, ки дар Шаҳрисабз мухаммас сохта будааст. Ғазали Зебунисо ва мухаммас дар баробари ӯ гуфта» [8,с.81].

Баъд аз ин ду мухаммаси Ҳозиқро, ки аз 15 банд иборат аст, пурра меорад. Соли 1236 ҳ. 1822 м. Амир Умархон барои тӯй кардани писараш ба Тошканд меравад. Муҳаммад Ҳакимхон дар он тӯй иштирок доштан ва таърих гуфтани Ҳозиқро чунин баён мекунад:

«Дар он ҳин (1236) шуарои ширинкалом, ки чиҳил тан дар пояи сарири аъло ҳозир буданд, қасидаҳои ғарро гуфтанд. Аз он ҷумла, Мавлоно Ҳозиқ буд, ки шаш рубоиро аз барои таърихи тӯи Абдуллохон (писари Амир Умархон) машқ карда буд. Ба тариқи татаббуъ бар Мавлоно Муҳташами Кошӣ, ки ҳазор байту ҳашт тариқа таърих мустахриҷ мекард ва шуарои он аср аз ин санъат оҷиз омаданд, илло се кас: Мавлоно Ҳотифӣ ва Мавлоно Хиҷлат ва ҷаноби саёдатпаноҳи Султонхон Адо ва аз ҷумла рубоиҳои Мавлоно Ҳозиқ» [8,с.353].

Баъд аз ин як рубоии Ҳозиқро ба тариқи мисол зикр мекунад.

Манбаи муҳими таърихие, ки перомуни ҷараёни зиндагии Нодира маълумоти аниқу мушаххас медиҳад, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон мебошад. Ин муаррих дар саҳифаҳои 330, 331, 417, 475, 500, 540, 722, 731-и китоби хеш оид ба Нодира маълумот дода таъкид менамояд, ки падари шоира Раҳмонқул бӣ тағои Амир Умархон буда, борҳо ҳамроҳи модар ба ҳарамсарои хон омаду рафт доштааст ва бешубҳа бо Умархони хурдсол якҷоя тарбия низ ёфтааст. Номи аслии шоира, бино ба маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон Моҳларойим буда, падараш ҳукмрони Андиҷон Раҳмонқул бӣ будааст. Шоира байни солҳои 1791-1792 дар Андиҷон ба дунё омадааст.

Илова бар ин, Муҳаммад Ҳакимхон дар чанд ҷои «Мунтахаб-ут-таворих» дар бораи Нодира маълумот додааст. Маълумоти муаллиф қабл аз ҳама, баромади иҷтимоии шоираро, ки то ҳол маълум набуд, равшан месозад. Ӯ дар ин бора чунин мегӯяд:

«Дар он вақт ҳукумати Андиҷон ба Раҳмонқул бӣ, тағои амир Олимхон тааллуқ дошт. Ва Раҳмонқул бӣ дар паси парда духтаре дошт Моҳларойим ном.Чун амир Олимхон хост, ки он маҳзираро дар аҳди шоҳзода амир Умархон дарорад, бинобар он тӯе барпо сохт, ки ҳеҷ бинанда надида ва ҳеҷ шунаванда нашунида буд» [8, С.209-209].

Муҳаммад Ҳакимхон дар ҷойи дигар муносибати дӯстона доштани Моҳларойимро нисбат ба худаш қайд намуда, дар бораи табъи шоирӣ доштан ва ё надоштани ӯ чизе намегӯяд. Ӯ менависад:

«Қоидаи мо ва ҳам фармоиши Амир Умархон ин буд, ки ҳар рӯз се маротиба чаҳор маротиба ба яқин дар арк, ба пеши ҳарами муҳтарами ӯ Моҳлароим, ки аз ҳама ҳарамҳои амир бузургтар буд, ба фақир аз модари худ чандин дараҷа шафқати ӯ беҳтар буд, салом мекардем ва соате нишаста боз ба ҷои худ мурочиат мефармудем» [8,с.270].

Метавон гуфт, ки оид ба кушта шудани Нодира ва наздикони ӯ дар манбаъҳои таърихиву адабӣ маълумот хеле гуногунанд. Лекин ба андешаи мо маълумоти нисбатан саҳеҳ перомуни ин фоҷеаи мудҳиш дар «Мунтахаб-ут-таворих» оварда шудааст.Чунки ӯ шоҳиди бевоситаи рӯзгору фаъолияти Нодира ва салтанат буд. Аз ин рӯ, метавон ҳадс зад, ки мавсуф шоҳиди бевоситаи шаҳид шудани ин зани соҳибхираду маърифатпарвар низ шуда бошад. Бино ба нақли Муҳаммад Ҳакимхон «Моҳларойим, модари Муҳаммадалихон, Ойбишхоним ва канизакони дигар ба сар пӯшиши сиёҳ гирифта, гиребонҳоро чок карда гиристанд. Моҳларойим аз ҳаёт умедашро канда, амир Насруллоро дашном намуд. Ӯро бо ду зани дигар бо хориву зорӣ ва ҷабру ситам бикушт» [8,с.317]. Метавон гуфт, ки соҳиби таърихнома ҳангоми зикри рӯзгор ва осори шоирон аз хусуси шаҷараи аҷдодӣ ва қавму пайвандони онҳо низ ёдовар мешавад, ки барои равшан кардани паҳлуҳои гуногуни ҳаёти адибон аз ҳар нигоҳ муфид буд.

Ҳамин гуна, тақрири соли вафоти бархе аз шоирон низ аз ҷониби муаллифи «Мунтахаб-ут-таворих»- дар канор намондааст. Чунончи мавсуф зимни маълумот дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Султонхони Адо чунин менависад: «Дар санаи 1250 ҳ. Султонхӯҷа Шайхулислом ба касалии табларза гирифтор шуда, то ҳашти рӯз беҳол шуда, хобиданд. Ҳарчанд табибони доно муолиҷа карданд, рӯзи панҷшанбе баъд аз зухр дар рӯзи дувоздаҳуми моҳи сунбулаи таърихи мазкур аз дунё видоъ карда, бандагиро ба ҷо оварданд» [8,с.234]. Султонхони Адо аз худ мероси зиёде ба ёдгор мондааст, ки дар «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон соҳиби се девон будани ӯ қайд шудааст.

Маълумоти дар бораи Адо, Акмал, Фазлии Намангонӣ, Кошӣ ва дигарон додаи Муҳаммад Ҳакимхон бо вуҷуди хеле мухтасар будан, дар муайян кардани ҳаёт ва фаъолияти ин шоирон аҳамияти зиёд дорад.

Таҳқиқу баррасии «Мунтахаб-ут-таворих» ба омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи тоҷикон, ба вижа таърихи хонигарии Хӯқанд кӯмак мерасонад. Ҳамзамон ин асар ба пажуҳишгарон имкон фароҳам меорад, ки на танҳо бо таърих, забону адабиёт ва корномаи бузургмардони илму фарҳанги тоҷикии хонигарии Хӯқанд ошно гардида, ба хулоса ва натиҷаҳои илмӣ расанд, балки аз ҷараёни муҳити адабӣ ва равобити эҷодии донишмандону муаррихони халқҳои дигар низ воқиф шаванд. Омӯзиш ва таҳқиқи чунин осор ба худшиносиву худогоҳии мардуми тоҷик нақши муассир дорад.

Ҳамин тариқ, аз иттилооти мусанниф, ки оид ба вазъи иҷтимоӣ ва маҳорати шоирии ҳамасрони худ додааст, метавон ба чунин натиҷае расид:

-дар «Мунтахаб-ут-таворих» перомуни ёздаҳ нафар шоири пешин ва даҳ тан шоири муосир нақлу ривоят ва асноди муҳим ба қалам оварда шудааст;

-зодгоҳ ва макони аслии шоирон ба таври дақиқ баён гардидааст;

-вазъи иҷтимоӣ ва пайванди хонаводагии шоирон аз эътибори муаллиф дар канор намондааст. Аз маълумоти таърихнома метавон аз муносибат ва хешовандии суханварон иттилооти судманде ба даст овард.

-робитаи адабии шоирон аз сӯи муаллифи китоб зикр гардидааст.Мусанниф қабл аз овардани намуна дар бораи василаи ба даст овардани баъзе намунаи ашъори суханварон ишорае кардааст.

-муошира ва ҷавобиянависӣ дар байни шуарои Хӯқанд ҷараён доштааст, ки дар ин бора низ метавон аз китоб маълумот пайдо кард.

## ПАЙНАВИШТ:


1.Айнӣ, Садриддин.Куллиёт.Ҷилди XI. Китоби 1-2/С.Айнӣ.-Душанбе:Нашрдавтоҷ, 1963.-505 с.

2.Каримов, У.Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри 18 ва аввали асри 19/У.Каримова.-Душанбе: Дониш, 1974.-187 с.

3.Каримов, У.Мирзо Содиқи Муншӣ(Аҳвол ва осори шоир)/У.Каримов.-Душанбе:Дониш, 1972.-164 с.

4.Қаюмов, А.Қӯқон адабий муҳити/А.Қаюмов.-Тошканд: Уз ССР ФАН, 1961.-359 с.

5.Собрание восточных рукописей АН Уз.ССР/ под ред.А.А. Семенова Т.1.-Ташкент: Наука, 1952.-440 с.

6.Хуршут Э. «Мунтахаб-ат-таварих» как источник по истории Средней Азии и сопредельных стран XVIII-XIX вв // Общественные науки в Узбекистане (ОНУ), 1984.-№7.-С.36-42.

7.Ҳакимхон, Муҳаммад .Мунтахаб-ут-таворих.Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов.Иборат аз 2 ҷилд/М.Ҳакимхон.-Душанбе, 1983.-368 с.- Ҷ.1.

8. Ҳакимхон, Муҳаммад Мунтахаб-ут-таворих .Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов. Иборат аз 2 ҷилд/М.Ҳакимхон.-Душанбе, 1985.-544 с.- Ҷ.2.

9.Ҳакимхон, Муҳаммад. Мунтахаб-ут-таворих.Ҷилди аввал.Тасҳеҳи Ё. Кавахара ва К.Хонеда. Муассисаи мутолеоти фарҳангҳо ва забонҳои Осиё ва Африқо.-Токио,2009.-666 с.


## REFERENCES:


1. Aini, Sadriddin. Collection of compositions. V.XI. Book 1-2 / S.Aini. - Dushanbe: Tajik State publishing-house, 1963.-505 p.

2. Karimov, U. Tajik literature in the second half of the XVII-th century and the beginning of the 19th century / U. Karimova. - Dushanbe: Knowledge, 1974. - 187 p.

3. Karimov, U. Mirzo Sodiq Munshi (situation and works of the poet) / U.Karimov. - Dushanbe: Donish, 1972.-164 p.

4. Kayumov, A. Kokand literary circle / A. Kayumov. - Tashkent: Uz SSR, 1961. - 359 p.

5. Collection of oriental manuscripts AN Uz.SSR / under the editorship of A.A. Semenova. - V.1.- Tashkent: Publishing House AN Uz. SSR, 1952.-440 p.

6.Khurshut E. “Muntahab-at-tavarikh” as a source on the history of Central Asia and the neighboring countries of the XVIII-th – the XIX-th centuries // Public Sciences in Uzbekistan (ONU), 1984.-№7. - P. 36-42.

7. Hakimkhan, Muhammad. Muntahab-ut-Tawrih.Presenter, author of the introduction and commentary A. Mukhtorov. Contains 2 volumes./ M.Hakimkhan. - Dushanbe, 1983.-368 p.-1V.

8. Hakimkhan, Muhammad. Muntahab-ut-Tawrih / Presenter, author of the introduction and commentary A. Mukhtorov. Contains 2 volumes./ M.Hakimkhan. - Dushanbe, 1985.-544 p.-2 V.

9.Hakimkhon, Muntakhab-ut-tawrikh.The first volume. Corrected by Ya. Kawahara and K. Honeda. Institute for the Study of Asian and African Cultures and Languages. -Tokyo, 2009.- 666 p.